**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

Табиист, ки ҳудуд, қаламрави зӯру зар маҳдуд аст, зеро миллатеро метавон ба василаи зӯрӣ мутеъ кард, аммо бо зӯрӣ наметавон ихлосу имон, бовариву эътиқод, андешаву ҷаҳонбинӣ ва дигар эҳсосоти ғоявии ӯро, ки дар заминаи ҳикмати амалӣ шакл гирифта, такмил меёбанд аз байн рабуд. Ё худ мағлубият ва шикасти низомӣ шикаст ва мағлубияти ниҳоӣ нест, шикасти ниҳоӣ шикасти унсурҳои ғоявӣ, миллӣ ва фарҳангӣ аст, ки баробари аз байн рафтани онҳо миллат тадриҷан аз байн меравад. Агар чунин намебуд, номи миллати тоҷик дар давоми асрҳои зиёд, ки мутеи идораи сиёсии давлатдории аҷнабиён буд, имрӯз аз харитаи сиёсии ҷаҳонӣ бардошта мешуд, вале ин миллат бо назардошти устувор будан дар ақида, андеша, забон, расму оин, илму фарҳанг ва дигар арзишҳои волои ахлоқӣ на ин ки аз байн нарафт, балки рушду такомул ёфта, худро ба оламиён ҳамчун як миллати бофарҳангу башардӯст, сулҳпарвару озодихоҳ, некандешу мутамаддин муаррифӣ карда тавонист.

Ба маънии дигар, илм ва арзишҳои илмӣ ҳама давр нишони тамаддун ва таъриху фарҳанги ҳар як давлату миллат мебошанд. Зеро эҳёи тафаккури миллӣ, эҳёи фарҳангу тамаддуни ориёӣ ва дар заминаи он рушд ва такомул додани фарҳангу тамаддуни муосири миллат воситаи муҳимму муассири худогоҳӣ, ҳуввияти миллӣ ва ташаккули рушди ҷаҳонбинии нави миллӣ буда, халқу миллатро ба ваҳдату ягонагӣ ва шукуфоиву бунёдкорӣ хоҳад расонд.

Сарчашмаҳои муътамад ва адабиёти фаровони илмӣ, ки дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ коркард ва таҳлил гардидаанд, воқеан ба кори илмии мазкур иртиботи ногусастанӣ доранд. Мақсади таҳқиқот дақиқ ва

амиқ нишон дода шуда, вазифаҳои пешгузошта ба мақсад мувофиқат мекунанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро сарчашмаҳо, мероси хаттии бостонии мардуми тоҷику форс, муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, таълифоти муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба масъалаи ахлоқ, ташаккул ва таҳаввули он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бахшида шуда, дар шакли монография, мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳо ва ғайра ба нашр расидаанд, дар бар мегиранд. Асосҳои методологии таҳқиқотро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи амалӣ, методҳои умумии маърифати илмӣ, таърихӣ, системавӣ, таҳлили муқоисавӣ бо истифода аз методи герменевтика ташкил медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки аввалин бор дар шакли маҷмуӣ ва низомнокӣ этикаи аҳди Сосониён, аҳамият ва таъсири он дар низоми давладории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон объекти таҳқиқ қарор дода шуда, аз ҷониби диссертант дар шаш банд мушаххас карда шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалии бадастомадаро метавон ҳангоми мушаххас кардани заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккул ва таҳаввули ахлоқ ҳамчун шохаи илми амалӣ, муайян кардани сатҳи баррасии масъалаҳои ахлоқӣ ва тавсифи категорияҳои ахлоқӣ дар куҳантарин ёдгориҳои хаттии мардуми тоҷику форс ва таъсири онҳо барои таҳким ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, бо адл ороста доштани пояҳои давлатдорӣ дар марҳилаҳои баъдинаи рушди ҷомеаи инсонӣ ба таври васеъ истифода намуд. Инчунин, истифодаи хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар раванди баргузор кардани корҳои тарбиявӣ, ташвиқотӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, арҷ гузошта тавонистан ба арзиш ва муқаддасоти миллӣ, пешгирӣ аз таассубу хурофот ва ғайра аз манфиат

холӣ намебошанд. Таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи тахассус - 09.00.03 - таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат мекунад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари натиҷаҳои мусбат камбудиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар қисмати рӯихати адабиёт на ҳамаи асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ, ки дар давраи истиқлолият ба мавзуи ахлоқ иртибот доранд, истифода бурда шудааст.

Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи "Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи кори таҳқиқотӣ Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа, арзанда аст.

Доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафаи МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" А.М.Атоев

Имзои доктори илмҳои фалсафа,
А.М.Атоевро тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" З.С.Ҳусейнова

28.08.2024